Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи: "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст

Масъалаҳои марбут ба ташаккул ва таҳкими заминаҳои иқтисодию ташкилии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази таваҷҷуҳи таҳқиқоти мазкур қарор гирифтаанд. Муаллиф ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ва амалии фаъолияти соҳибкориро мавриди баррасӣ қарор дода, хусусиятҳои хоси рушди онро бо дарназардошти шароити иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳлил намудааст.

Арзиши илмии кор дар асоснок намудани равишҳои муосири рушди соҳибкории истеҳсолӣ, баррасии омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва коркарди пешниҳодҳое ифода меёбад, ки татбиқи онҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, тақвияти иқтидори соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар таҳқиқот мавқеи муҳим дошта, муаллиф ба шарҳи моҳияти иқтисодии ин падида, хусусиятҳои хоси он ва заминаҳои методологии омӯзиши равандҳои соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар ин замина, равишҳои илмӣ оид ба муайян намудани нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми муносибатҳои бозорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, дар кор хусусиятҳои ташаккул ва фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти кишвар аз нигоҳи институтсионалӣ таҳлил гардида, ҷойгоҳи онҳо дар рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии миллӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф ба масъалаҳои баланд бардоштани фаъолияти истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва тақвияти саҳми соҳибкорӣ дар равандҳои рушди иқтисодӣ диққати зарурӣ додааст.

Таваҷҷуҳи махсус дар таҳқиқот ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат равона гардидааст. Дар ин замина, масъалаҳои ташаккули заминаҳои мусоиди ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, нақши инфрасохтори истеҳсолӣ, механизмҳои дастгирии давлатӣ, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ ва васеъ намудани имкониятҳои содиротӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар асоси таҳлили масъалаҳои мавҷуда муаллиф як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати такмили шароити фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва тақвияти иқтидори истеҳсолии саноат манзур намудааст.

Бо вуҷуди аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашуда, дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва ҷанбаҳои такмилталаб низ ҷой доранд, ки зикри онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Аз ҷумла, ҳангоми баррасии масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бештар ба хусусиятҳо ва шароити иқтисодии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир гардида, истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ин самт ба таври кофӣ инъикос наёфтааст. Ба андешаи мо, таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳое, ки дар самти дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва ташаккули иқтидори истеҳсолии миллӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, метавонист барои муайян намудани имкониятҳои мутобиқсозии таҷрибаи пешқадам ба шароити Тоҷикистон заминаи иловагии илмӣ фароҳам оварад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба ҳалли масъалаҳои гузошташуда муносибати муназзами илмӣ зоҳир намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи мавриди омӯзишро дар алоқамандӣ баррасӣ кардааст. Мазмун ва сохтори автореферат ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат дошта, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида бо пайдарҳамии мантиқӣ баён шудаанд.

Диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзӯи Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини директор оид ба илм, таълим
ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзииАкадемияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон Одиназода Ш. Т.

Имзои д. и. и., дотсент Одиназода Ш. Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ 03.11.2020 Баротова Ш.У.

Суроға: 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Ҳаёти-Нав 306
Тел.: (992-372) 36 88 61, 918 42 57 57 E-Mail.: economic64@mail.ru